Ҳамвора Ҷабраил маро дар мавриди ҳамсоя тавсия мекард, то онҷо ки гумон кардам ӯро меросбар хоҳад кард

Аз ибни Умар (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст,ки Паёмбар (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Ҳамвора Ҷабраил маро дар мавриди ҳамсоя тавсия мекард, то онҷо ки гумон кардам ӯро меросбар хоҳад кард."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мефармоянд, ки Ҷабраил ҳамвора масъалаи таваҷҷуҳ ба ҳамсояро барояшон такрор мекарданд ва ӯро ба ин кор амр мекарданд ва дар бораи ҳаққи ӯ ва озор нарасонидан ба ӯ онқадар тавсия медоданд, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гумон карданд дар мавриди пас аз марг меросбар қарор гирифтани ҳамсоя ваҳй нозил хоҳад шуд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4965